7863 - Оё инсон метавонад рӯзаи шаш рӯзи Шавволро оғоз кунад, дар ҳоле ки рӯзаи қазоӣ дорад?

савол

Касе, ки пас аз моҳи Рамазон шаш рӯзи моҳи Шавволро рӯза бигирад, вале рӯзаи Рамазонро ба итмом нарасонидааст, чун даҳ рӯзи моҳи Рамазонро бо узри шаръӣ рӯза нагирифта буд, оё монанди касе, ки рӯзаи Рамазонро комил намуда, сипас шаш рӯзи Шавволро рӯза гирифтааст, подош хоҳад дошт ва гуё, ки як соли комил рӯза доштааст?

Лутфан ба мо тавзеҳ бидиҳед, Аллоҳ бароятон подоши некӯ бидиҳад.

Хулосаи ҷавоб

Барои касе, ки қазои баъзе аз рӯзҳои Рамазон дорад, шоиста аст, ки аввал қазои он рӯзҳоро анҷом бидиҳад, сипас шаш рӯзи Шавволро рӯза бигирад, зеро пайгирӣ ва комил намудани рӯзаи Рамазон бо шаш рӯзи Шаввол амалӣ намегардад, то он даме ки рӯзаи Рамазонро ба итмом нарасонад.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Андозаи савоби амалҳое, ки бандагон барои Аллоҳ анҷом медиҳанд, махсуси Аллоҳи азза ва ҷалла аст. Банда агар аз Аллоҳ таъоло аҷру савоб бихоҳад ва дар тоати Ӯ талош намояд, Аллоҳ аҷру савоби ӯро зоеъ намекунад, чунон ки Ӯ мефармояд:

إِنَّا لَا نُضِيعُ أَجْرَ مَنْ أَحْسَنَ عَمَلًا

(سورة الكهف: ٣٠).

«Мо подоши касеро, ки некӣ кардааст, зоеъ намекунем». (Сураи Каҳф: 30).

Барои касе, ки қазои баъзе аз рӯзҳои Рамазон дорад, шоиста аст, ки аввал қазои он рӯзҳоро анҷом бидиҳад, сипас **шаш рӯзи Шавволро рӯза бигирад**, зеро пайгирӣ ва комил намудани рӯзаи Рамазон бо шаш рӯзи Шаввол амалӣ намегардад, то он даме ки рӯзаи Рамазонро ба итмом нарасонад.

Барои фоидаи бештар, лутфан ба ҷавобҳои зерин руҷӯъ кунед:

Рӯзаи нофила пеш аз қазои рӯзаи Рамазон

Кай мусулмон рӯзаи шаш рӯзи Шавволро оғоз мекунад?

Аллоҳ донотар аст.